Иттифоқ аст он, ки ҳар душворро осон кунад,
Варна аз тадбири як нохун гиреҳ натвон кушод.

# ҲОМИИ ОМӮЗГОР

№ 11 (98)
10 ОКТЯБРИ СОЛИ 2017
Оғози нашр 18 декабри соли 2009

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ: «ЗАБОН БОЯД ҲАМҚАДАМИ ЗАМОН БОШАД»

### Паёми Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ, шаҳри Душанбе, 4 октябри соли 2017



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, яъне забони шоиронаву шевои тоҷикӣ, ки онро султони суханварони Аҷам устод Рӯдакӣ «тараббахши рӯҳу фараҳафзои ҷон» номидааст, самимона табрик мегӯям.

Забони тоҷикӣ мероси бузурги ниёгони некноми мо бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд ҳамчун риштаи пайванди насл ба насли миллат аз ҳазорсолаҳои дур то давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омада расидааст ва решаҳои умри миллатамонро оби ҳаётбахш додааст.

Бинобар ин, арҷгузорӣ ба забони давлатӣ, ки ҳамчун рукни муҳимтарини ҳастии миллат, пойдевори асосии давлатдорӣ ва фарҳангу маънавиёти халқамон нақши барҷаста дорад, вазифаи инсониву виҷдонии ҳар як фарди бонангу номус ба ҳисоб меравад.

Забони давлатӣ, дар ҳақиқат, таҷассумгари таърихи пуршебу фарози миллати бостонии тоҷик мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо забонро мисли Истиқлолият, Ватан, Модар ва фарҳанг аз ҷумлаи муқаддасоти миллии худ мешуморем ва онро азизу гиромӣ медорем.

Воқеан, ҳувияти миллӣ, фарҳанг ва оину суннатҳои мардуми бостонии мо дар ҳама давру замонҳо тавассути забон ҳифз мегардад. Забон, инчунин, воситаи муқтадири сарҷамъии миллат ва ҳамаи онҳоест, ки дар гӯшаҳои гуногуни олам ҳастии ин сарвати бебаҳоро пос медоранд.

Таърих бисёр мисолҳоро медонад, ки дар баробари аз байн рафтани забон миллат низ аз байн меравад. Яъне бақои забон бақои миллат ва фанои забон фанои миллат аст.

Ёдгориҳои тамаддуни чандинҳазорсолаи ориёӣ маҳз ба воситаи забони шево ва пурғановати тоҷикӣ ва қаринаҳои бостониву аҳди миёнаи он то замони мо расида, дастраси оламиён гардидаанд, ки ин ҳам боиси ифтихори ворисони ин тамаддуни қадима ва ҳам масъулияти бузурги онҳо дар назди гузашта ва имрӯзу оянда мебошад.

Тоҷикон дар миёни халқу миллатҳои сершумори олам аз ҷумлаи мардумони соҳибтамаддуне мебошанд, ки забони чандинҳазорсоларо маҳфуз доштаанд, шеъри оламгири Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва садҳо шоирону адибони гузаштаро имрӯз низ озодона мефаҳманд ва дар гуфтугӯи ҳаррӯзаашон истифода мекунанд.

Забони тоҷикӣ бо дарназардошти собиқаи тӯлонии таърихӣ ва захираи бузурги луғавӣ ва дар мақоми забони давлатӣ дар асри ҷаҳонишавӣ низ метавонад иқтидори пешинаи худро ҳифз намояд.

Аз ин рӯ, ба муҳаққиқони забоншинос, зиёиён ва умуман, ҳар шахсе, ки тақдири забон барояш азиз мебошад, зарур аст, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони дорои таърих ва осори беназир аз сели вожаҳои иқтибосӣ, ки имрӯз тавассути технологияҳои навин ва молу маҳсулоти хориҷӣ ба тамоми забонҳо ворид шуда истодаанд, ҳифз намоянд ва дар поку беолоиш нигоҳ доштану ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани он саҳми ватандӯстонаи худро гузоранд. Зеро ворид шудани вожаҳои иқтибосӣ боиси маҳдуд гардидани муҳиту майдони истифодаи калимаҳои худӣ, камранг шудани симои миллии забони давлатии мо ва коҳиш ёфтани фасоҳату балоғати он мегардад.

Дар баробари ин, хотирнишон месозам, ки бо пешрафти илму техника ва технология забон низ бояд рушд кунад. Яъне забони давлатӣ бо ҳифзи асолат ва чеҳраи миллии худ бояд ҳамқадами замони муосир бошад.

Ҳамзамон бо ин, таъкид менамоям, ки ҳифз намудану гиромӣ доштани суннатҳои ниёгон, аз ҷумла фарҳанги миллӣ, ки забон ва либоси миллӣ, инчунин, номгузорӣ ба фарзандон ва эҳёи номҳои ҷуғрофӣ, ки оинаи таърихи халқу кишварамон ва василаи пайванди имрӯз бо гузашта мебошанд, бояд ба одати ҳаррӯзаи мо табдил ёбад.

Дар ин раванд, зарур аст, ки ба масъалаи сайқал додани фарҳанги муошират бо забони давлатӣ, аз ҳар гуна унсурҳои ғайри қобили қабул поку бегазанд нигоҳ доштани он, инчунин, дар қалбу зеҳни наврасону ҷавонон бедор намудани ҳисси эҳтиром ба забони модарӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин ва доимии ҳар шахси соҳибватан мебошад.

Боиси ифтихор аст, ки мардуми хирадманду фарҳангдӯсти мо забони модарии хешро ҳамеша гиромӣ дошта, онро дар баробари дигар муқаддасоти миллӣ, хотираи таърихӣ ва нангу номус ҳифз мекунанд.

Итминон дорам, ки ин амал чун ҷузъи муҳимтарини зиндагии ҳаррӯзаи афроди миллат дар оянда низ вусъат пайдо хоҳад кард.

Бори дигар ҳамаи шумо, ҳамватанони азизро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар фарди Ватан сарбаландиву хонаободӣ ва ба забони ширину шоиронаи тоҷикӣ ҳамчун забони давлати соҳибистиқлоли тоҷикон умри ҷовидон орзу менамоям.

**prezident.tj**

Камол Насрулло,
Шоири халқии Тоҷикистон

## Ҳуҷҷати аслу бақои тоҷикон

Эй забони тоҷикон, эй хуни ҷони тоҷикон,
Аз тамоми бенишониҳо нишони тоҷикон.

Сарҳади пояндаи марзу ҳавои тоҷикон,
Ҳуҷҷати фархундаи аслу бақои тоҷикон.

Мисли борон з-осмони фазлу ҳикмат рехтӣ,
Бӯи гулро бо қиёми хуни дил омехтӣ.

Пора кардӣ мисли шамшер аз миёни асрҳо,
Сохтӣ аз ҳарфи сангинат манору қасрҳо.

Эй забони Рӯдакиву эй забони Бӯалӣ,
Эй калиди махзани ганҷи ниҳони Бӯалӣ.

Ҷоми Хайёмӣ ба дастам, нӯшдоруи башар,
Эй ҳама андарзу ҳикмат, эй ҳама дурру гуҳар.

Эй забони ёдҳову эй забони бодҳо,
Эй забон мурғу гул, аз умқи ҷон фарёдҳо.

Эй забони Хоҷа Ҳофиз, эй забони дардҳо,
Ҷавшани мо бар алайҳи ҷумлаи номардҳо.

Гоҳ чун нонрезаҳо аз роҳҳо мечинамат,
Пурситора гоҳ чун чархи барин мебинамат.

Эй забони тоҷикӣ, эй зевари мулки аҷам,
Чун аламдоре туро дар худ барам ҳамчун алам.

Эй дирафши нурборон дар фарози осмон,
Аз фурӯғи ту мунаввар олами фазли ҷаҳон.

Эй балогардони мо, дасти раҳои мо туӣ,
Эй замин, эй осмон, обу ҳавои мо туӣ.

То ту ҳастӣ, нест тоҷик ҳеҷ гоҳе бебатан,
Тоҷики белафз бадтар аз ғариби бекафан.

Будаӣ ту аз ҳама кулфат паноҳи халқи ман,
Будаӣ хуршед дар рӯзи сиёҳи халқи ман.

Гоҳ чун осӣ кашидандат ба зери дорҳо,
Қатл кардандат миёни ом, дар бозорҳо.

Нест шуд сад қасру тахт, аммо ту мондӣ бегазанд,
Хок шуд сад шоҳу мир, аммо ту мондӣ арҷманд.

Давлати пояндаи тоҷик фақат андар ту монд,
Рафтаву ояндаи тоҷик фақат андар ту монд.

Дар ҳалолӣ ҳамбаҳо танҳо ба шири модарӣ,
Дар баҳо аз ҷони ширин ҳам маро қиматтарӣ.

Рӯи ту чун рӯи модар, меҳри ту чун меҳри ёр,
Накҳати ту накҳати ҳар сабзаву хоки диёр.

Пок медорам туро монанди виҷдон умрбод,
Мебарам дар худ туро чу хуни шарён умрбод.

Сархати иқболи некам, сарҳади имони ман,
Тахту тоҷу давлати ман, қалъаи виҷдони ман.

Эй забони тоҷикон, эй посбони тоҷикон,
Ин туӣ дар мағз-мағзи ҷисм ҷони тоҷикон.

# МУАЛЛИМ ОФТОБИ ЗИНДАГОНИСТ

## ПАЁМИ ТАБРИКИИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ОМӮЗГОР

**Омӯзгорони арҷманд!**
**Устодони мухтарам!**

Фарорасии чашни фархундаи аҳли маориф – Рӯзи омӯзгорро бароятон самимона табрику таҳният мегӯем.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо омӯзгор, вокеан ҳам, мақому мартабаи баланд дорад ва бархӯрдор аз эҳтирому эътиқоди ҳамагон аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати хирадмандонаи хеш аз оғоз ба соҳаи маориф афзалият бахшидаанд ва дар ин замина омӯзгорро маҳбубтарин шахси ҷомеа донистаанд. Пешвои миллатамон таваҷҷуҳи ҳамешагӣ ба мактабу маориф ва ба ҳаёту фаъолияти омӯзгорон доранд ва ба ҳукми анъана зимни тамоми сафарҳои хеш ба манотиқи гуногуни мамлакат, пеш аз ҳама, бо омӯзгорон суҳбату мулоқотҳо мегузоранд, арзу ниёзашонро бо диққати тамом мешунаванд ва онҳоро дастгирӣ менамоянд. Президенти маорифпарвари мо омӯзгорро «шахсутуни низоми таълиму тарбия» ва пешаи омӯзгориро «муқаддастарин касби рӯи замин» тавсиф бахшида, ҳамчунин, бо самимияти баланду эҳтирому эътиқоди саршор ибрози доштаанд: «Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад. Вай донишу заковат, гармии дили худро бедареғ ба шогирдон – фарзандони худ медиҳад ва хешро аз ин хушбахт мешуморад».



Воқеан ҳам, омӯзгор шоиста ба ҳама гуна ситоишу гиромидошт аст ва дар ҷомеа рисолати бузургеро дорост; тарбияву таълими наврасону ҷавонон - созандагони фардо дар рӯҳияи ватандӯстиву сулҳпарварӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, худогоҳиву хештаншиносӣ ва дӯстиву созандагӣ аз муҳимтарин ва пуршарафтарин вазифаҳои ӯ ба шумор мераванд. Ба ифодаи дигар, омӯзгор таълимгару тарғибгари рӯзгорони ободу осоишта, пайвандгари наслхо буда, ҳамеша дифоъ аз манфиатҳои умум мекунад, мушкилоти ҷомеаро гирехкушоӣ ва ҳамагонро ба ҳаёти саодатмандона роҳнамоӣ менамояд.

Аслан, бузургдошти омӯзгор барои халқи фарҳангсолори тоҷик анъанаи дерин буда, ба ин ситоишномаҳои зиёди адабиёти пуровозаву ғановатмандамон гувоҳӣ медиҳанд. Бузургони илму адаби тоҷик омӯзгорро «чароғи рӯзгор», «машъали хирад» ва «махзани маърифат»-у «ояндасозии миллат» номидаанд. Равшании рӯзгор ва саодатмандии ҳамагонро ниёгони хирадоини мо аз ҳастии омӯзгор ва фаъолияти бавусъати ӯ дониставу дар ин боб фармудаанд:

**Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,**
**Шавад тира аз бехирад рӯзгор.**

Гузашта аз ин, дар қитъаи зер, ки хеле машҳуру мақбул аст, мартабаи омӯзгор волотар аз мақоми падар тавсиф гардида:

**Ҳаққи устод аз падар беш аст**
**В-аз падар устод дар пеш аст.**
**Гар падар аз ҳаёт бахра диҳад,**
**Устод аз наҷот бахра диҳад.**

Мақому эътибори омӯзгор дар ҳама гуна даврy замон, новобаста аз шебу фарозу бурду бохти рӯзгорон ҳеҷ гоҳ коҳиш наёфтааст халалдор нашудааст. Соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистони маҳбубамон ба боз ҳам боло рафтани мартабаи омӯзгор ва мавқеи ҷамъиятии ӯ мусоидат кард. Бисёр дастуру кароҳо ва асноди дигар, ки дар марҳилаи аввали Истиқлолияти давлатии кишвар ба тасвиб расиданд, марбут ба бузургдошту дастгирии омӯзгор буданд.

Солҳои охир омӯзгорони таълимгоҳҳои кишвар дар ҷодаи такмили сатҳи саводнокии шогирдон, таҳрири тозаи барномаҳои таълимии фанҳо, таҳияи китобҳои дарсии бозгӯи талаботи замон, корбасти низоми таълими салоҳиятнок, истифодаи ҳадафгири воситаҳои техникӣ ва амсоли инҳо ба комёбиҳои чашмгир ноил гардиданд.

Иштироки фаъолонаи омӯзгорони ватанпарвари мо дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакат низ давра ба давра вусъат меёбад. Онҳо дар кулли ҷорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, дар ҳимояи манфиатҳои ҷумҳурии тавассути маҳфилу ҳамоишҳо, дар таҷлили ҷашнвораҳову рӯзҳои таърихӣ, дар посдории сулҳу ваҳдат ва муқаддасоти миллат ва дар муаррифии шоистаи Ватани фарҳундаамон ба ҷаҳониён фаъолияти хастагинопазир доранд. Омӯзгорон тарғибгари рӯзгорони ободу осоишта буда, дар тамоми лаҳзаҳои ҳассос барои бартарафсозии ҳама гуна ихтилофот меқӯшанд, аз манфиатҳои халқу Ватан дифоъ мекунанд ва роҳҳои ҳалли мушкилотро дармеёбанд. Далели арҷгузорӣ ба фаъолияти пурбаракати устодон аст, ки дар ҷумҳуриамон Рӯзи омӯзгор муқаррар шудааст ва ҳамасола дар якшанбеи нахустини моҳи октябр таҷлил мешавад.

Заҳмати омӯзгор дар назди давлат эътибори бузург дорад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонун «Дар бораи танзими анъана ва расму оинҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Барномаи давлатии насли наврас, стандартҳои таҳсилот барои ҳамаи муассисаҳои таълимӣ, қабули низомномаҳо, таваҷҷуҳ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, интихоби беҳтарин роҳҳои таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бунёду таъмири мактабҳо, ҳамасола баланд шудани музди меҳнати омӯзгорон, қадршиносии аҳли таълиму тарбия бо ҷоизаҳои давлатӣ ва мукофотҳои соҳавӣ аз ҷумлаи омилҳои муассиранд, ки бо мақсади дастгирии омӯзгорон ва таҳким бахшидани шароити фаъолияти онҳо корбаст шудаанд.

Гузашти айём, равандҳои ҷаҳони муосир ва масъулият барои имрӯзу фардои миллат дар назди омӯзгорони шарафманду садоқатоини мо вазифаҳои боз ҳам бештар масъулиятбору ҷиддитареро гузошта. Омӯзгоронро мебояд, ки ҳамеша ҳамқадами замон бошанд, сатҳи сифати таълиму тарбияро пайваста баланд бардоранд, усулҳои фаъоли таълимро корбаст намоянд ва барои ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ кардани сатҳи таҳсилот дар ҷумҳурии азизамон ҳамвора кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Эътимоди комил дорем, ки омӯзгорони собитқадаму хирадманди мо мутобиқ ба ин ҳама талаботу рӯҳияи даврон фаъолияти худро пайваста тақвият мебахшанд ва парчами маърифатро боз ҳам баландтар меафрозанд.

Бо ин ҳама таманниёти нек кулли омӯзгорони шарафманду сарбаланди Ватани маҳбубамон ва тамоми кормандони соҳаи маорифи мамлакатро ба ифтихори Рӯзи омӯзгор самимона табрик менамоем ва бароямон рӯзгорони неку пурсаодат ва фаъолияти пурсамару бардавом орзумандем.

**Фарҳундарӯзатон муборак, омӯзгорони азиз!**

**АЗ ИДОРА: Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тамоми омӯзгорону кормандони соҳаи маорифи кишварро ба муносибати Рӯзи омӯзгор самимона табрику таҳният мегӯянд.**

# Ситоишномаи омӯзгор

Калима дар дасти омӯзгор на фақат барои дар ғафлат нигоҳ доштани андеша аст, балки барои бедор сохтани дигарон дода шудааст.

**В.Ключевский**

* * * * *

Омӯзгори бад ҳақиқатро ҳадя мегирад, муаллими нағз онро меёбад.

**А.Дистерверч**

* * * * *

Омӯзгори ҳақшинос ҳамеша мувоҷеҳ шогирд аст.

**М.Горкий**

* * * * *

Дар тарбия ҳама чиз ба он вобаста аст, ки мураббӣ кист?

**Ф.Достоевский**

* * * * *

Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар.

**Саъдии Шерозӣ**

* * * * *

Таматтӯъе, ки ман аз фазл дар
ҷаҳон бурдам,
Ҳамон ҷафои падар буду
силии устод.

**Заҳири Фарёбӣ**

* * * * *

Дарси муаллим ар бувад
замзамаи муҳаббате,
Ҷумъа ба мактаб оварад
тифли гурезпойро.

**Низории Нишопурӣ**

* * * * *

Ҳаққи устод аз падар беш аст
В-аз падар устод дар пеш аст.

**Камолиддини Биноӣ**

* * * * *

Муаллим инсонро ташаккул медиҳад.

**М.Камнин**

* * * * *

Муаллимӣҳунарест оливу наҷиб.

**Л.Толстой**

* * * * *

Аз омӯзгор биёмӯзу шамъи дида биафрӯз

**Д.Дидро**

* * * * *

Мояи ифтихори муаллим талабагон - донаҳои киштамон мебошанд.

**М.Менделеев**

* * * * *

То ин ки тифл хонаду
соҳибҳунар шавад,
Устоди меҳрубони ӯ хуни
ҷигар шавад.
Лаънат ба он касе, ки баъд аз
хатми мактабаш,
Аз меҳнати муаллими худ
бехабар шавад.

**Ибни Ямин**

* * * * *

З-ин рӯ, бузург ҳастӣ мисли
падар, муаллим,
Дар оламӣ маонӣҳам роҳбар,
муаллим.

**Боқӣ Раҳимзода**

* * * * *

Агар дар ҷаҳон набвад
омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

* * * * *

Ҳар киро устод набвад,
кор бар бунёд нест,
Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар
аз устод нест.

***

Ҳар кӣ бе устод кард
оғози кор,
Кору бори ӯ надорад эътибор.
Домани устод гиру шод шав,
Муддате хизмат куну
устод шав.

***

Фаромӯш макун ҳаққи
устоди илм,
Ки бар ҳиммати ӯст
бунёди илм.
Агар дар дилат меҳри
устод нест,
Ба дасти умеди ту чуз
бод нест.

**Камолиддини Биноӣ**

* * * * *

Суҳбати ҷонпарвар аст,
суҳбати омӯзгор.

**Саъдии Шерозӣ**

* * * * *

Ҳар кӣ аз устод гурезад
дар ҷаҳон,
Ӯ зи давлат мегурезад,
ин бидон.

**Ҷалолиддини Румӣ**



* * * * *

Ба шогирдӣҳар он кӣ
шод гардад,
Бувад рӯзе, ки худ устод
гардад.

**Носири Хисрав**

* * * * *

Ман ба роҳбарони синфҳо ҳасад мебарам, онҳо доим бо бачагон мебошанд.

**А.Сухомлинский**

* * * * *

Муаллимро Худованд
эътило дод,
Ба гетӣ иззу шону иртиқо дод.
Муаллим ходими халқи
ҷаҳон аст,
Муаллим вориси пайғамбарон
аст.

**Имоми Аъзам**

* * * * *

Ҷаҳон гар зар бувад,
заргар - муаллим,
Ҷаҳон баҳре бувад,
гавҳар - муаллим.

***

Наравӣ то ба хидмати устод,
Илму ирфон куҷо бигирӣ ёд!?

**Камолиддини Биноӣ**

**Таҳияи**
**Ҳасани АЛИМПУР-**
**омӯзгори мактаби №10,**
**ноҳияи Айнӣ,**
**Абдусаломи САМЕЪЗОД-**
**омӯзгори мактаби №100,**
**ноҳияи Шоҳмансур**



# ДОСТОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Саргузашти ин абармарди тоҷик воқеан достони пур аз корнома ва қаҳрамониҳост, ҳамон тавре, ки Шоири Халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб дар "Достони Пешво" ба қалам додааст.

Агар ба таърихи гузаштаи миллати тоҷик назар афканем, мебинем, ки тоҷикон дар тӯли таърих саргузашти сангину душворерo паси сар намудаанд. Миллати тамаддунофари тоҷик дар масири таърих тавонист бо ақлу заковат ва шахсиятҳои шинохтааш обрӯю нуфуз ва ваҳдати худро нигоҳ дорад. Ин миллати соҳибтамаддун бо нобиғагони илму ҳунараш, ки барои аз байн нарафтани ту ягонагӣ равон шуд. Касе бовар надошт, ки тоҷику тоҷикистониён баъди ҷанги шаҳрвандӣ муттаҳид шуда, давлати миллӣ бунёд мекунанд. Яъне, бори дигар хиради азалии миллати тоҷик боло гирифт ва давлат дигарбора эҳё шуда, тири душманон хато хӯрд.

Баъди азму талошҳои зиёди фарзандони шоистаи миллат мо-тоҷикон сулҳ ва ваҳдати комили миллиро ба даст овардем, ки бешубҳа, меъмори асосии он Сарвари давлат, Пешвои миллати тоҷикони ҷаҳон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд.

Сулҳу ваҳдати бадастомада имконият дод, ки бо ташаббусу кӯшишҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосҳои бунёди ҷомеаи навини Тоҷикистон гузошта шаванд, аркони давлатдории тоҷикон мустаҳкам гардад, фирориёну гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан баргардонида шуда, сулҳу суботи ҷомеа ба даст ояд.

Дар ин раванди тақдирсоз хизмати таърихӣ ва бузурги Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш намуда, фарҳанги сулҳофариро пеша кард ва бо эҳсоси гарми ватандорӣ тақдириояндаи бақои миллатро ба дасти худ гирифт. Натиҷаи чунин ҷонфидоиҳо ва қаҳрамониҳо буд, ки имрӯз дар Тоҷикистон амнияти сартосарӣ пойдор буда, корҳои ободониву бунёдкорӣ авҷ гирифтааст. Сулҳи тоҷикон қутбнамои роҳиояндаи дурахшон ва шаҳодатномаи таърихии давлату миллат гардид.

Муҳимтарин натиҷаи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар поёни қарни XX ташаккули давлатдории миллӣ, асолати худро дарёфтани ҷаҳоншиносӣ ва тафаккури миллӣ, фалсафаи нави давлатдории тоҷикон мебошад, ки аз корномаҳои сарнавиштсоз ва фарҳанги сиёсии Президент-Пешвои тоҷикони ҷаҳон ҳусни оғоз ёфтааст. Бузургтарин дастоварди миллати тоҷик дар тӯли ҳазор соли охир бунёди давлатдории миллӣ ва мақоми ҷаҳонӣ пайдо кардани он мебошад, ки бо пайкорҳои Пешвои миллат-ғамхори миллат пайванди ногусастанӣ дорад.

Пайвастан ба низоми ҷаҳонии иқтисод ва фазои иттилооти дунёи имрӯза, ба роҳ андохтани муомилоти пурвусъати иқтисодиву фарҳангӣ бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон, манзалати ҷаҳонӣ пайдо кардани ёдгориҳои моддиву маънавии таърихӣ ва оину таомули тоҷикон, мақоми шоистаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бузургтарин маҷмаа ва қонунҳои ҷаҳонӣ бо пуштибонӣ аз ҳуқуқ ва манофеи миллати тоҷик, баррасии пайгирии мушкилиҳои оламшумул аз ҷумлаи ибтикорот ва дастовезҳои арзишманди халқи тоҷик ба раванди ҷаҳонӣ шудан маҳсуб мешаванд.

Истифодаи эҷодкорона аз фарҳангу забон асарҳои нодирерo эҷод намудаанд, то ба имрӯз ба ҷаҳониён муаррифӣ мегардад. Тоҷикон аз дуриҳои таърих хислати ваҳдатпарастию ваҳдатҷӯии худро гум накардаанд ва то ба имрӯз низ ин хислати накӯро дар қалби худ мепарваранд.

Маълум аст, ки дар аввали солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагони аҷнабӣ ба сари миллати тоҷик даҳшати вазнини ҷанги таҳмилиро бор намуданд ва ҳамон шабу рӯз ҳадафи ба порчаҳо тақсим намудани ин мулки ободро доштанд.

Ҳамин тавр, таърих ба миллати тоҷик дар оғози солҳои 90-уми қарни XX боз як имтиҳони сахту сангини дигареро пеш овард, ки он ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ буд. Дар ҳамон шабу рӯз миллати тоҷик дар оғӯши ҷанги хонамонсӯз буд, касе ё чизе пеши ин вабоpo гирифта наметавонист, миллат рӯ ба нестшавӣ оварда буд. Аммо Худованди бузург раҳми миллати тоҷикро хӯрд ва шахсеро бо номи Эмомалӣ Раҳмон, Пешвои тоҷикони ҷаҳон вориди арсаи сиёсат намуд, ки ин миллату ин сарзаминро аз парокандагӣ ва аз ғарқаи хун шудан раҳо карда, сулҳи комилро насиби онҳо гардонид.

Хушбахтона, ҳамон хиради воло, ақлу заковати устувор ва ҷавонони бо нангу номусаш буданд, ки миллати тоҷик бо талошҳои пайгиронаву сулҳҷӯёнаи Пешвои худ Эмомалӣ Раҳмон аз нестшавӣ раҳо ёфта, бо қадамҳои устувор ба сӯи ваҳдату дастовардҳои илмии ҷаҳони муосир, татбиқи имконоти технологияи иттилоотӣ ва фановарӣ, ки дар меҳвари тасмимгириҳои сиёсиву иҷтимоии Сарвари давлат қарор доранд, ҷомеаи муосири тоҷикон, бахусус, насли навро ба ҷодаҳои наву замонӣ роҳнамоӣ менамоянд ва аз самти дигар иртиботи кишвари моро бо тамаддуни пешрафтаи башар тақвият мебахшанд. Дар меҳвари назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои доғи ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи вижа дошта, дар роҳи ҳаллу фасли онҳо бо таваҷҷуҳ ба имконот ва иқтидори созмонҳои байналмилалӣ тадбирҳо ва барномаҳои судманде аз ҷониби Сарвари тоҷикон таҳия ва манзур шуданд, ки барои аҳолии тамоми сайёра дорои аҳамияти хос мебошанд.

Татбиқи барномаи пурвусъати «Об барои ҳаёт», ки бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон дар саросари олам ҷараён гирифт, аз ҷумлаи чунин ибтикоротест, ки бо сарнавишти имрӯза ваояндаи ҷомеаи башарӣ иртибот мегирад. Пазироии пешниҳоди нави Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон-Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, ки бо тарафдории 177 кишвари дунё бо қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид ба тасвиб расид, на фақат аз ширкати фаъолонаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар файсалаи мушкилиҳои ҷаҳоншумул, балки аз обрӯву нуфузи баланди Сарвари мамлакат дар дунёи муосир шаҳодат медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки халқи тоҷик имрӯз ҳамчун халқи сулҳдӯсту адолатхоҳ дар ҷаҳони мутамаддин соҳиби мақому манзалати худ аст. Имрӯзҳо миллати тоҷикро дар ҳама гӯшаву канори дунё ҳамчун миллати соҳибтамаддун ва фарҳангӣ мешиносанду давлатдориашро расман эътироф намудаанд, ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо хушнудӣ мепазиранд ва дастгирӣ мекунанд.

Амалӣ гардидани ниятҳои неки миллати тоҷик боиси боз ҳам шукуфон шудани кишвари соҳибистиқлоли мо мегардад. Ҷиҳати ҳарчӣ зудтар амалӣ гардидани ин мақсадҳои наҷиб ҳар як ҷавони баору номуси мамлакат бояд саҳми ватандӯстонаи хешро дареғ надорад.

Бояд ҳар як фарди кишвар аз худ бипурсад, ки ӯ дар самти фаъолияти хеш, яъне барои рушди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистони азиз чӣ ҳисса гузоштааст? Дарки дурусти ин мақсад ҷавононро ба дастовардҳои навин ҳидоят мекунад, зеро тақдири миллат ваояндаи дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол дар дасти ҷавонон аст. Бо назардошти саҳми ҷавонон барои ободии Ватан бо ташаббуси Пешвои миллат имсол Соли ҷавонон эълон шуд ва ин далели он аст, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон таваҷҷуҳи хосса доранд.

Дар фарҷом бояд ёдовар шуд, ки ваҳдату ҳамбастагӣ ва истиқлолияти комили Тоҷикистони азиз имконият медиҳад, ки мо сарҷамъу иттифоқ бошем, шукрона аз давлату миллат ва Сарвари ғамхор намоем. Имрӯзҳо ҳар як шаҳрванди ватани азизамон ғамхории Пешвои миллати худро дарк менамояд ва шукрона мекунад, ки чунин Сарвари ғамхор доранд. Бо боварии комил гуфта метавонем, киояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо бо Сарвари ғамхори худ ва ҷаҳду талоши ҳамарӯзаи сокинони ваҳдатпарасту ваҳдатҷӯяш боз ҳам шукуфону пешрафта хоҳад шуд.



**Наргис ЗИЁЕВА,**
**омӯзгори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №56-и шаҳри Душанбе**

# ЗАБОН - ҲАСТИИ МИЛЛАТ

4 октябри соли 2017 дар гимназияи №53 ба номи Муҳаббат Маҳмудоваи ноҳияи Исмоили Сомонӣ бахшида ба Рӯзи забон конференсияи илмӣ- адабӣ таҳти унвони «Забони модариам- ифтихорам» баргузор гардид.

Дар кори конференсия муовини раиси ноҳияи Исмоили Сомонӣ М.Табарова, мудири шуъбаи маорифи ноҳия Л.Одилбекова, раиси кумитаи иттифоқи касабаи маорифи ноҳия М. Аҳмадов, шоираҳо Шаҳрияи Аҳтамзод ва Назокатбонуи Олимзода, нависанда Равшани Махсумзод иштирок ва суханронӣ намуданд.

Директори гимназия А.Боронов кори конференсияро ҳусни ифтитоҳ бахшид. Сипас, муовини раиси ноҳия М. Табарова баромад намуда, иброз дошт, ки забон таҳти ҳимояи давлат қарор дорад ва ҳар як фарди тоҷик вазифадор аст, ки бо забони модарии худ ҳарф зада, онро муқаддас дорад.

Омӯзгори гимназияи номбурда М. Турсунова дар хусуси қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», моҳияти он, давраҳои ташаккули забони тоҷикӣ маърӯза намуд.

Шоираҳои тоҷик Шаҳрияи Аҳтамзод ва Назокатбонуи Олимзода аз ашъори худ шеърҳо қироат намуда, ёдовар шуданд, ки забони тоҷикӣ бисёр забони суфтаву равон буда, имрӯз бо ин забон аз минбарҳои баланд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан мегӯянд.

Нависандаи тоҷик Равшани Махсумзод дар баромади худ қайд намуд, ки насли имрӯзаи тоҷик бояд рӯ ба хонданни асарҳои бадеиву тарбиявӣ оварад ва аз ашъори шоирони имрӯзаву гузашта самаранок истифода намуда, ба забони худ арҷ гузорад, зеро забон ва умри он ба забондон вобаста аст.

Ҳамзамон, аз ҷониби хонандагони гимназия, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, маркази кӯдакон ва наврасони ноҳия шеърҳои шоирони классик ва муосири тоҷик бо як истеъдоди баланд ва маҳорати хуби суханварӣ дар васфи забони тоҷикӣ қироат карда шуд.

Дар қисмати ҷамъбастии кори конференсия аз ҷониби мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Исмоили Сомонӣ як қатор кормандони шуъбаи маориф, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон бахшида ба Рӯзи забон ва Рӯзи омӯзгор бо Ифтихорномаи шуъбаи маорифи ноҳияи Исмоили Сомонӣ сарфароз гардонида шуданд.



**О. ТУРДИЕВА-**
**раиси кумитаи иттифоқи касабаи гимназияи № 53 ба номи М. Маҳмудова**

**Истиқлолият барои эҳёи забони тоҷикӣ ва фарҳанги миллӣ заминаи устувор гузошт. Забони ширину шево ва шоиронаву зебои тоҷикӣ, ки моро ба ҷаҳониён ҳамчун миллати куҳанбунёд ва қавми ориёӣ муаррифӣ кардааст, ба ҳайси забони давлатӣ эътироф шуд. Ба шукронаи соҳибихтиёриву соҳибватанӣ вазифаи муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат аз он иборат аст, ки асолати забони тоҷикиро чун неъмати бебаҳо ҳифз намояд ва барои инкишофи он саҳм гузорад. Ин забон, ки забони модарии мост, барои мо-тоҷикон чун шири модар муқаддас мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ-ҲОМИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**«Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад».** Бо чунин сухани воло оғоз мешавад китоби беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери унвони «Забони миллат-ҳастии миллат».

Гиромидошти забони давлатӣ яке аз падидаҳои муборақи даврони Истиқлолият ба шумор рафта, мисли дигар суннатҳои бостонӣ барои тоҷикон азизу муътабар аст, зеро забони модариамон чун ба модари худ арҷ гузошта, бо қалбҳои саршор аз меҳру муҳаббат ҳофизаи таърихии худро варақгардон менамоем ва роҳи пурпечу фарози тайнамудаи забону фарҳангамонро пеши назар меорем.

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки забони тоҷикии мо дар давраи Истиқлолият дар партави сиёсати муваффақи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва кӯшишҳои зиёиёни кишвар дар мақоми таърихии худ дубора эҳё ва барқарор карда мешавад.

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои ғанӣ ва тавонои дунё ба ҳисоб меравад, ки таърихи бою тӯлонӣ дорад. Забони нοби тоҷикӣ моро ба даврони бисёр дури таъриху фарҳанги ниёконамон пайванд месозад.

Китоби тозанашри Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери унвони «Забони миллат-ҳастии миллат» аз 6 боб, хулоса, китобнома ва 491 саҳифа иборат буда, муҳимтарин масъалаҳои забони тоҷикӣ ва таърихи онро фаро гирифта, ҳамчун китоби рӯимизӣ барои донишҷӯёну устодон ва доираи васеи хонандагон муайян шудааст.

Боби аввали китоби мазкур «Даврабандии таърихии забони тоҷикӣ» ном дошта, даврабандии таърихии забони тоҷикӣ, мардуми ориёӣ ва забони онҳо, давраҳои таърихӣ ва даврабандии таърихи забони тоҷикӣ, ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар гурӯҳбандии забонҳои эрониро дар бар мегирад.

**«Бояд гуфт, ки дар татбиқи ин сиёсати забонӣ донишмандони кишвар фаъолона саҳм гирифта, доир ба бисёр масъалаҳои муҳими забони тоҷикӣ осори шоистае офаридаанд. Нигорандаи ин сатрҳо низ баъзе мулоҳизот ва андешаҳои худро дар бораи тоҷикон, забон ва таърихи фарҳангу тамаддуни онҳо дар китобҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих» (дар чор китоб), «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» баён намуда будам".** Ин нукта аз он далолат медиҳад, ки аз даврaҳои аввали ба сари ҳокимият омадани Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хосса ба муқаддасоти миллӣ ва махсусан, ба забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад. Муҳимтарин ва асоситарин масоили забоншиносӣ аз давраи қадим то имрӯз ва нукта гузоштан ба бисёр масъалаҳое, ки байни донишмандони дохилию хориҷии соҳа мавриди баҳс қарор гирифта буд, хотима хоҳад ёфт.

Боби дуюми китоб "Саргузашти таърихии вожаи "тоҷик" ва забони тоҷикӣ" унвон дошта, муаллиф умдатарин паҳлуҳои таърихии пайдоиши вожаи "тоҷик" ва "забони тоҷикӣ"-ро бо далелҳои фаровон исбот менамояд. Дар идомаи сухан зикр мешавад, ки **"...барои баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум ва ба ин васила таҳкими худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва иртиқои ҳувияти миллии тоҷикон донистани таърихи воқеии миллат зарур аст, ки яке аз роҳҳои асосии ба вуҷуд овардани тафаккури миллӣ, таблиғи ҳамаҷонибаи унсурҳои ваҳдатсози миллат, аз ҷумла дар умқи тафаккури миллат ҷой додани худшиносии миллат бо роҳи эҳтиром гузоштан ба таърих, забон ва фарҳанги миллӣ мебошад" (саҳ.80).**

Муаллиф таъкид мекунад, ки барои баланд бардоштани ҳисси худшиносию худогоҳӣ дар умқи тафаккури миллат бо роҳи эҳтиром гузоштан ба таърих, забон ва фарҳанги миллӣ мебошад. Ин аз он дарак медиҳад, ки забон ҳамеша ба дастгириҳои пайвастаи давлат ниёз дорад, чунки яке аз рукнҳои асосии давлату миллат забони ӯст.

Вобаста ба вожаи "тоҷик" бисёр аз донишмандони дохилию хориҷӣ тариқи асару мақолаҳои худ ибрози ақида намудаанд. Яке аз чунин донишмандон устод Садриддин Айнӣ мебошад ва доир ба ин вожа мақолаи муфассале таҳия намудааст.

Шарҳи вожаи "тоҷик" низ дар китоби мазкур тариқи сарчашмаҳои гуногун шарҳу тавсеҳ ёфтааст.

"Забони мо дар даврaи истилои араб ва нахустин сулолаҳои эронитабор" асоси боби сеюми китоби "Забони миллат-ҳастии миллат"-и Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил медиҳад.

«Забони миллӣ дар ҳама давру замонҳо шаҳпари боэътимоди ҳастии маънавии миллат аст. Дар баробари ин, забонро метавон ба шамшери тезу бурроe шабоҳат дод, ки соҳибзабон ба василаи он ҳастии маънавии хешро аз хуҷуму ҳамлаҳои миллиятзудо ва фарҳангсӯз муҳофизат мекунад».

Дар ин қисмат муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои гуногун вазъи забони тоҷикиро дар даврaи хуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна ва таъсис ёфтани нахустин сулолаҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Баъди мутолиаи ин боб маълум мешавад, ки забони тоҷикӣ дар чунин вазъияти сахт нуфузи худро аз даст надодааст ва чун забони дуюмин дар маркази Хиловат-Бағдод баъд аз забони арабӣ мавриди муошират қарор гирифтааст ва ин нукта низ дар асар чунин зикр шудааст: **"Форсии дарӣ дар пойтахти Хилофат-шаҳри Бағдод низ баъди забони арабӣ дуюмин забоне маҳсуб мешуд, ки дар муоширaт ба кор мерафт."**

Инчунин, вобаста ба масъалаи иқтибосоти калимаҳо дар забонҳо ва махсусан ворид шудани калимаҳои забони тоҷикӣ ба забони арабиро низ бо далелҳои муътамад ва боварибахш дар шакли нақша инъикос ёфтааст, ки ин далели раднопазир аст.

Дар идомаи сухан зикр мешавад, ки "Забони тоҷикӣ дар даврони истило асолати худро ҳифз карда, дар масири доду ситади луғавӣ бо забони арабӣ барои худ заминае ҷиҳати бозсозии сиёсиву динӣ ва расмияти адабиву фарҳангӣ фароҳам овард". (саҳ.190).

Гузаштагони мо дар чунин ҳаводиси сахт кӯшиш намуданд, ки асолати забони модарии худро ҳифз намоянд ва баояндагон ба мерос гузоранд. Содагиву равонии забон дар осори шоирони сулолаи Тоҳириёну Саффориён дида мешавад, вале заминаи мусоид барои эҳёву шукуфоии забону адабиёт сулолаи Сомониён фароҳам овардааст.

Боби чоруми китоб зери унвони «Забони навиштории тоҷикӣ: даврaи оғозин» ном дошта, муҳимтарин масъалаҳои забоншиносӣ ва тоҷикшиносӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар ин боби китоб аз намунаи аввалини осори классикон истифода намуда, вабаста ба масъалаҳои хат ва пайдоиши он, гузариш ба хати арабиасос ва истифода аз сарчашмаҳои қадима он бо далелҳои фаровон андешаронӣ намудааст. Истифодаи вожаю ибораҳо ва таҳлили онҳоро дар осори классикон нишон додааст. Метавон ҳадс зад, ки то имрӯз забони тоҷикӣ мақому манзалати худро аз даст надодааст ва бо кӯшишҳои бепоёни донишмандони гузашта то замони мо ба мерос мондааст. Моро зарур аст, ки ин муқаддасотро чун гавҳараки чашм ҳифз ва ба насли оянда ба мерос гузорем.

Боби панҷуми китоби мазкур "Давраи болaндагӣ ва шукуфоии забони тоҷикӣ" ном дорад. Давраи рушду нумуи забони тоҷикӣ ин бевосита ба даврaи Сомониён рабт дорад, муаллиф инро дар ин боб ба таври муфассал овардааст. Ҳамчунин маълумоти дар бораи шоирону донишмандон, вазъи сиёсию иқтисодӣ, вазъи забони тоҷикиро дар давлатҳои тоҷикнишин маводи ҷолиб дида мешавад.

Боби шашуми китоби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Забони миллат-ҳастии миллат" бо номи "Гузориши забони тоҷикӣ ба сифати забони байналмилалӣ" чоп шудааст.

Рушду нумуи забони тоҷикӣ дар даврони ҳукмронии сулолаҳои тоҷикнишин ва таваҷҷуҳи амирон нисбати забону фарҳанг асоси боби шашумро ташкил медиҳанд.

Мувофиқи сарчашмаҳо давраи ташаккулёбии забони тоҷикӣ ба сулолаи Сомониён рост меояд.

Боби мазкур фарогири масъалаҳои умдатарини забоншиносӣ буда, омилҳои воридшавии калимаҳои иқтибосӣ ва нуфузи забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф воридшавии калимаҳои иқтибосиро ба забонҳои дигар яке аз воситаҳои асосии ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон медонад. Барои тасдиқи фикр аз сарчашмаҳои гуногун иқтибос меорад, ки ин боз ба ҳусну қубуҳи китоби мазкур зебу зиннати дигар зам мекунад.




Дар таҳия ва чопи китоби "Забони миллат-ҳастии миллат" муаллиф аз сарчашмаҳои гуногун, ки бо забонҳои тоҷикӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, арабӣ, форсӣ ва дарӣ чоп шудаанд ба таври фаровон истифода намудааст, ки ин барои соҳибзабонон боиси ифтихор аст.

Хулоса, вазифаи имрӯзаи соҳибзабонон аз он иборат аст, ки асолати забони бузурги фарҳангии форсӣ-тоҷикиро, ки дар тӯли ҳама умри таърихии миллат дар хидмати ӯ буд ва нишонаи асосии ҳуввияти миллии ӯ ба шумор мерафт ва моро лозим меояд, ки бо ин ҳама ҷолибият ба насли оянда ба мерос гузошт.

Китоби беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Забони миллат—ҳастии миллат" (Китоби якум, Душанбе, «Эр-граф», 2016. – 491 саҳ) барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию ватанпарастии соҳибзабонон, ки яке аз муқаддасоти миллӣ—забони тоҷикӣ ба шумор меравад, мусоидат менамояд.

**Намозов ҶАМШЕД-
директори ФДҶТИБКСМ,
Шаҳбози Рустамшо-
мутахассиси шуъбаи таълим
ФДҶТИБКСМ
дар ш. Кӯлоб**

Абдуҷаббори Азиз




# ҲАТТО ХАНДААШ МАЗМУНИ ОДАМИЯТ ДОШТ

**В**ай инсони дарёдилу марди ҳотамтабиат буд. Дилаш ҳамеша майли некӣ кардан дошту сари ин масъала андеша мекард. Як ҷаҳон накшаҳои нуҳуфта дар қалбаш дошт. Баъзеашро пинҳон – пинҳон бо таъбирҳои латифу маҷозан дилкаш баён менамуд.

Дигарашро баъд амалӣ мекунем, мегуфт. Ҳар матлабаш ба сӯи ободкорӣ, бунёдкорӣ, васеъ намудани заминҳои кишти талу теппаҳо ва арзон кардани дастархони хоҷагиаш равона шуда буд. Дар ифодааш, тарзи гуфтораш, лаҳни суҳбаташ кас осори худхоҳию мағруриро эҳсос намекард, баръакс, овози нарму дилкаши марғуладораш касро ҷонибаш ҷалб менамуд. Кас аз мазмуни суханҳояш, нақлҳои дилкаши рӯзгори пур аз печутобаш сер намегардид. Ӯ дар гуфтораш шитоб надошт, ҳатто дар ҳаракатҳояш таҳамтании вай ҳувайдо мегардид.

Ҳамеша суҳбатҳояш дар боби одаму одамгарӣ, ҷавонмардию футувват ва хайру саховат буд. Ӯ шарҳи маънои одамиятро аз падараш - бобои Раҳмон шунида буд ва ба наздиконаш онро бо завқ ва дилгармии хос нақл мекард, ки падарам ҳамеша таъкид мекарданд, ки “инсондӯст бошем, ба қадри хурду бузург расем ва агар дастатон расад, - мегуфт, ба бечорагону муҳтоҷон ёрӣ расонед”. Ин ишораҳои падарро вай дар гӯшаш абадӣҷой карда буд ва дар зиндагиаш амалиашон менамуд, барояш асои рӯзгор гардида буданд, пандҳои падар. Ҳаёти хоксоронаю ҳимматбаландонаи падарашро на танҳо дар ҳузури дӯстону наздикон, балки дар байни ҳамсуҳбатонаш баён карда, аз сифатҳои неки хайрхоҳонаи падараш хотироварӣ мекард. Дар вақти нақл дилаш шайдои меҳри падар мегашт, дар ҷустуҷӯи ӯ буд, дилаш реш мегашт ва нақлаш ширинтар мешуд, дар лабонаш табассуми нозук пайдо мегардид.

Меҳнатдӯстиро ҳай сифат мекард, кору заҳматро мепарварид, барояш кор роҳати ҷонаш гашта буд. Бо падарашу бародараш якҷоя бо кафи обилаи дастонашон хона бунёд карданду меҳмонхонаи алоҳида барои дуру наздикон ва ҳамсоягону ҳамдиёрон сохтанд.

Ҳуҷраи хоксоронаи пур аз муҳаббати инсонӣҳар рӯз интизори меҳмон буду бо меҳмонон гарму рӯшан мегардид. Одоби меҳмондорӣ, расми хуби пазироӣ ва дастобгирию салом доданро ба меҳмонон аз ишораҳои падару модари меҳмоннавозашон ёд гирифта буд ва онҳоро ҳамчун анъанаи аҷдодӣ риоя мекарду аз хузурдоштагон сипос мешунид. То лаҳзаҳои охирини ҳаёташ чун забарҷад ва дурри ноёб ин мероси падарро пос медонист. Вақти нақл вуҷудашро ҳасрати дидори падари қадрдону лафзи хушоҳанги модари дилбандаш тасхир мекарду боз ширин табассум менамуд. Меҳмондӯсту меҳмоннавоз буд, мисли падари пираш. Хонааш макони дӯстону наздиконаш буд. Ҳар касро бо дили шод ва чеҳраи болида пешвоз мегирифту гусел менамуд.

Дилаш ба касбу кораш месӯхту чун оташ дар мегирифт. Дар ин ҳангом чеҳрааш мисли офтоб сурх мешуду дар ҷисмаш шуълаи заҳмат намудор буд. Бару бозуи паҳлавонона дошт, мисли Рустами таҳамтан. Ҳангоми нишастан ба чамбараки трактор ҳар пагоҳӣ аз падараш - бобои Раҳмон ва модари дилбандаш - момаи Марям дуо мегирифту барвақт кор мерафт ва шаб дер бармегашт. Боре нашудааст, ки касе ба дари хонаашон омада бошаду вай барои иҷрои кораш сухани рад шунида бошад.

Ҳарчанд модар аз рӯи меҳр, «писарам, нав омадӣ, каме дам гир, мегуфт», аммо ӯ якравӣ карда, кори корафтодаро иҷро менамуд. Охир, ба дари хонаамон кас омадааст, чӣ хел метавонам, не гӯям, - бо исрор мегуфт ӯ.

Шабҳо дар кӯҳу камар шудгор мекард, аз як деҳа ба деҳаи дигар об мебурд, маҳсулоти кишоварзӣҷамъ менамуд, ҳангоми ғалладарав ҳафтаҳоро сари комбайну трактор мегузаронд, аммо изҳори хастагиву дилшикастагӣ намекард. Заҳматкашӣ ба мисли падараш ӯро низ дар миёни деҳотиён обрӯманд карда буд. Баъзан дуру наздикон мегуфтанд, ки «қандата зан, бобои Раҳмон ба ин писарони тарбия кардагиат». Вай аз кор намеҳаросид, маъвои дилаш шуда буд заҳматкашӣ. Аз ин корҳои кардааш ва умри бобаракаташ шукрона мекард. Агар ягон лаҳзаи кориаш дар ёдаш меомад, боз табассуми дилкаше мекард...

Солҳо гузаштанду роҳбари хоҷагӣ гардид. Вай усули роҳбарии худашро дошт. Ҳамеша бо мардум буд. Дар шодиашон мисли хешовандони наздик ҳамроҳӣ мекард, дар ғамашон шарик мегирифт худро.

**С**аҳар барвақт аз хона мебаромад. Корро аз дидани ҷӯякҳои ҳосилхези пахтааш оғоз мекард. Шукуфтану ҳосили онҳоро дида, худаш мешукуфт. Дар ин кори роҳбарӣ мисли ҷигарбандаш – бародари хурдиаш муваффақ гашт. Ҳамеша ҳосили хуб мегирифт ва ба қадри замин мерасид. Заминро мисли модараш дӯст медошт ва гоҳҳо рози дилашро дар сари саҳро, дар миёни киштзорҳо баён мекард ва дар сараш ташаббусҳои нав пайдо шуда, аз пайи амалӣ гардидани онҳо мешуд. Боғдориро ҳамин тавр пеша кард. Чанд талу теппае, ки садсолаҳо обу дарахтро надида буданд, бо баракати раҳмонии вай ҳам лаззати обро чашиданду ҳам тавассути дарахтҳои шинондаи ӯ аз соя сериро эҳсос карданд.

Пасон, хумори обчакориаш гирифт. Камари ҳиммат баст, аввал помидор, баъд бодиринг, сипас дигар сабзавоти заруриро парвариш карду аз ранҷи кашидааш, ҳосили хуби ба даст овардааш шукрона мекард.

Не, ин заҳматҳо барояш камӣ кард. Дар пайи ангурбоғ шуд. Ангурбоғ бунёд намуд. Аввалин ангурҳои ҳиротии кишмиширо ӯ ба талу теппаҳо шинонд, бо усули бобоӣ нигоҳбинашон кард, мисли фарзандон дӯсташон дошт ва дар охир ҳай ҳосил гирифт, ки худаш роҳат намуд. Ангурҳояш ширину шаҳдбор, мисли нақлҳояш буданд. Аз панҷаҳои нармаш ангур панҷа зада, талҳои хоҷагиро ангур гирифт.

Баъдан ба лимупарварӣ машғул гардид. Лимуи парваридааш аҷаб ҳосили хуб дод. Лимуяш хуштамъ баромад. Ҳама дар тааҷҷуб буданд аз навъи парваридаи ӯ. Аммо вай табассумкунон мегуфт, ки деҳқон асил бошад, ҳосилаш ҳамин гуна хушмазза мешавад. Дар ин кор низ ӯ комёб шуд.

Баъди чанд сол завқаш ба мурғпарварӣ зиёд гардид. Аввал корхонаи мурғпарварӣ сохт. Кораш натиҷа дод, гузашт ба бедонапарварӣ. Ин низ натиҷаи дилхоҳ дод. Дилаш майли зиёд кардани кабкпарварӣ дошт. Бо дастони худ, макони парвариши ин парандаи нодирро сохт. Мехост ҳамаи ҳамдиёрону ҳамватанонаш аз гӯшти серғизои ин парандаҳо сер шаванд. Ҳай дареғ, ки корҳояш нотамом монд.

Бо меҳр дар бораи ин парандаҳо сухан мегуфт, таҷрибаи андӯхтаашро бо завқ нақл мекард, боз табассум дар лабонаш пайдо мегардиду ширин механдид.

Ӯ хӯрокҳои болаззатро дӯст медошт. Ҳар гоҳ ки сухан аз навъи таом пеш ояд, вай беихтиёр модари кадбонуашро пеши назар меовард. Аз пиёваю шӯрбои болаззат ва таҳмолҳои тайёркардаи модараш ёд мекард, бо завқ ҳезуммонию нонпазии модар ва дар сари чагдону танӯр сер кардани писарони дилбандашро бо эҳсос нақл мекард ва боз табассум менамуд...

Нонпазӣ ва хӯрокҳои болаззати модарашро бо зикри неки ёди модар пеши рӯ меовард. Аз ширбату насоиштаи модар серӣ надошт, бо шунидани нақлаш даҳони ҳамсуҳбаташ об мегирифт, вале ӯ беист чунон нақл мекард, ки гӯё ҳозир ҳам дар даҳонаш модар навола мегузорад. Ҳай дареғ мегуфт, дар ин ҳолатҳо ӯ.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, аз умри рафтааш ёд мекард, хаста набуд, дилаш шӯри ҷавонӣ дошт. Аз ҷавонмардӣ, ҳимматбаландии ҳамдиёронаш, ҳамватанонаш ва дӯстонаш шод мегашт. Ҳар амали хайрхоҳонаро мешунид, меписандид ва эътироф мекард, зеро худаш ин амалҳои солеҳро доим иҷро менамуд.

**Б**о лутфи сухани зебо аз хоҳару бародаронаш ёд мекард, махсусан, давраи кӯдакию наврасиашонро бо меҳр нақл мекард. Аз дунёи бачагиашон серӣ надошт. Ҳатто бародарашро бо ҳама бузургиаш на аз рӯи вазифааш, балки чун нури дидааш, ба мисли гулқанд ширину нафис дӯст медошт ва ҳамон давраи кӯдакиашонро, навозишу дӯстдории падару модарашро бо ҳавас ёд мекард. Дар ин ҳолатҳо дилаш фараҳ мегирифт, саршори меҳр мешуд ва аз тақдиру сарнавишти некашон шукр мекард. Ӯ аз меҳри додару хоҳараш серӣ надошт. Ҳангоми нақли овони бачагӣ ва наврасӣ дилаш меларзид, метапид, навозишаш ба мисли ҳарфҳои нӯги забонаш бозӣ мекард ва табассуми ширин аз ӯ дур намегардид. Ҳай дареғи умр мегуфт...

Дар ин пойизи зебо, фасли хазони дилкаш, ҳавои гарми тирамоҳ, дар рӯзи бисёр хуб дар дили пайвандон, наздикон ва дӯстдоронаш ашки ғамро боқӣ гузошту рафт, таъҷилӣ рафт, бо дарду ҳасрат умедҳояшро боқӣ монду рафт. Аз худ нишонаи одамияту одамгарӣ, ҳимматбаландию саховатпешагӣ гузошту рафт, рафт ба назди одамони биҳиштӣ. Аммо чеҳраи нурониаш, қалби саршор аз меҳраш, нигоҳи гармаш, чашмони пур аз шодиаш, табассумҳои ширини дилкашаш бо пайвандону наздикон, дӯстону ҳамсуҳбатон ва ҳамаи онҳое, ки ӯро мешинохтанд, боқӣ монд. Боз дар хандаи охиринаш бӯи одамият армонӣ гардид.

Дунёи охиратат обод бод, марди накуном. Зикри хайрат дар дилҳо ҷой гирифту ҳеҷ гоҳ зудуда нахоҳад гашт, акои Нуриддин.

## ТАЪЗИЯ

Кормандони Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассиси шуъбаи робита бо ҷомеа ва муносибатҳои байналмилалии Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм Ҷӯраева Нигина бинобар вафоти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият мекунанд.

***

Кормандони Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ВМКБ бинобар вафоти собиқ мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Шуғнон

**ҒУЛОМНАБИЕВ ҒУЛОМҲАЙДАР**

андӯҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

# Ниҳоле, ки самар овард

## Ба ифтихори 10 –умин солгарди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».



*П. Назаров - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ*

Соли ҷорӣ аҳолии кишвари азизамон Тоҷикистон дар доираи истиқболи як қатор ҷашнҳои таърихӣ, ба мисли 20 – умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 26 – солагии рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон, инчунин 10 – солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор доштанд. Қабули Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар воқеъ аз талаботи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ ва ҷомеа бармеомад, ки бо ибтикор ва пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди қабул ва амал қарор гирифта, таи даҳ соли охир дар доираи мавриди иҷро қарор гирифтани он, дар ҳаёти иҷтимоӣ- иқтисодии давлат ва ҷомеаи тоҷик комёбиҳои беназир ва тағйиротҳои ҷиддӣ ба вуҷуд овард.

Аслан, қабули дилхоҳ конун, новобаста аз амали иҷрои он нахуст дар замири иродати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар ҷомеа қарор гирифта, бо назардошти арзишмандии талаботҳои иҷтимоии аҳолӣ ва давлат рӯи кор меояд ва барои беҳдошти шароитҳои зиндагӣ ва рӯзгори шаҳрвандон мусоидат менамояд. Қабул ва мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур, пеш аз ҳама, аз танзими анъана ва ҷашну маросимҳои мардумӣ иборат буд, ки тӯли таърих дар заминаи арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва динии аҷдодони гузаштаи мо, вобаста ба сиёсат, идеология ва умури кори идораи давлат ба худ шакл гирифта, бо ҷамбаҳои ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ва ҷомеа ҳамранг гардида, дар баробари муаррифӣ намудани арзишҳои миллии гузаштагон, то андозае монеъи паст гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварамон низ гардида буданд. Бо назардошти ин, метавон иброз дошт, ки ин қонун ба ҷиҳати моҳият нахуст аз талаботи ҷомеаи навини тоҷикон дар роҳи бунёди ҷомеаи воқеан ҳам демократӣ ва ҳуқуқбунёд бармеояд, ки дар шароити афзоиши омилҳои таъсиррасонии ҷаҳонишавӣ манфиати аҳолӣ, давлат ва ҷомеаи тоҷикро мавриди назари худ қарор медиҳад. Қонуни мазкур бо назардошт ва тақозои рушди ҷомеа, анъана ва ҷашну маросимҳоро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида буд.

Натиҷагирӣ аз амали қабул ва татбиқи қонуни мазкур дар зарфи 10 сол собит менамояд, ки дар воқеъ, дар баробари дигар дастовардҳои беназири замони соҳибистиқлолии кишвар, давлат ва ҷомеаи тоҷик кори бузургеро ба анҷом расонидааст, ки дар замири он, пеш аз ҳама, арзишҳои миллию суннатҳои мардумӣ дар кишвар ҳифз гардида, дараҷаи зиндагии аҳолӣ беҳтар ва сатҳи камбизоатии аҳолӣ паст гардида истодааст.

Чуноне ки натиҷагириҳои татбиқи қонуни мазкур собит менамояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таи даҳ соли охир, бо амалишавии ин қонуни воқеан ҳам миллӣ, як қатор тадбирҳо ва ҷорабиниҳои муҳими ҷамъиятию сиёсии сатҳи ҷумҳуриявӣ бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистон рӯи кор омаданд, ки барои пешгирӣ аз ҳар гуна харҷҳои беҳуда ва зиёдаравӣ дар маросимҳо ва ҷашнҳо монеъ гардида, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва беҳтаршавии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии давлат мусоидат намуданд.

Бо мақсади иҷрои талаботҳои қонун дар ҳама вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ комиссияи доимии вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ ва комиссияҳои доимии ҷамоатҳои шаҳраку деҳот амал менамоянд. Дар ҳама ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ бошад, мутобиқ ба талаботи қонун комиссияҳои ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст, ки назорат ва иҷрои талаботҳои онро ба роҳ мемонанд. Маҳз дар замири мавриди амал қарор гирифтани ин қонун ҳама маъракаҳои аҳолӣ ба танзим дароварда шуд, ки бо масрафи ками маблағ онҳоро шаҳрвандон баргузор менамоянд ва ин имконият фароҳам овард, дараҷаи зиндагии аҳолӣ боло равад.

Коршиносони хориҷӣ ва дохилии масоили таҳлили иҷтимоии аҳолӣ ва давлат берун аз Тоҷикистон ва дар дохили кишвар комёбиҳо, дастовардҳои навини сатҳи зиндагии аҳолӣ ва натиҷаҳои рушди босуботи Тоҷикистонро ба асосҳои гуногун алоқаманд медонанд. Вале бо назари банда, ноил гардидан ба дастовардҳо дар мисоли баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандон ва инчунин, пайдо намудани дастрасӣ ба рушди босуботи иқтисодии давлатҳо (аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон) пеш аз ҳама, ба ду омили алоқамандии зич дорад:

- амалишавии тадбирҳои мушаххаси давлатӣ, ки ба асосҳои имконоти иқтисодии давлат ва татбиқи сиёсатҳои созандаи роҳбарияти кишварҳо алоқаманд мебошад;
- кори бузурги оммавӣ – тарғиботӣ бо мақсади фаъол гардонидани ҷомеа, роҷеъ ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ва давлат дар мисоли танзими анъана ва ҷашну маросимҳои мардумӣ, ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ ва инчунин, бо назари озод арҷ гузоштан ба арзишҳои ақаллиятҳои миллии дар кишвар сукунатдошта иборат мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар Тоҷикистон зуҳури ҳарду омил тавонист татбиқи амалии ин қонунро хуб роҳандозӣ намояд. Аз ҷумла, нахуст барои эҳдо ва қабули ин қонун роҳбарияти сиёсии давлат дар симои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нақши босазо гузошт ва дуввум ҷомеаи тоҷик низ бо мақсади беҳтар намудани тарзи зиндагии аҳолӣ ва ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ пайгирӣ аз ин қонунро карданд.

Бояд иброз дошт, ки қонуни мазкур тавонист таъсири бевоситаи худро ба ҷамбаи иҷтимоии ҷомеа, хусусан, ба тарзи зиндагии аҳолӣ расонад. Барои ҳамагон маълум буд, ки анъанаҳо ва маросимҳо, ки дар тули таърих бо назар, афкор, фарҳанг ва дин барин арзишҳои миллӣ ҳамрадиф гардида буданд, то инқилоб, замони шӯравӣ ва инчунин, марҳалаи нави замони соҳибистиқлолии кишвар, бо аз бар намудани шакл ва зуҳури нав ба мазмуни ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ таъсири худро расонида буданд. Қисме аз ин анъанаҳо ва маросимҳо, пурра хислати миллӣ доштанд, вале бо таъсири омилҳои осебпазири фарҳанг ва динҳои нав, дар мисоли дини ислом ба худ сурат ва шакли навро касб намуданд ва ба танзим даровардани онҳо кори саҳлу осон набуд. Бо назардошти он, роҳандозии қонуни мазкур дар радифи танзими ин анъанаҳо ва маросимҳо, ки то ҷое дар назар ва ахлоқи ҷомеа реша давонда, ба худ хислати хурофотиро низ касб карда буданд ва боиси паст гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардиданд, як нав инқилоби иҷтимоиро мемонд. Ба он маъно, ки на ҳар кас дар ҷомеа, унсурҳои хурофотӣ ва осебпазири анъана ва маросимҳоро дарк мекард ва агар онҳоро пай ҳам мебурданд, вобаста ба таъсири дини ислом дар муқобилашон истодагарӣ карда ҳам наметавонистанд.

Мусаллам буд, ки дар кишвари мо ба анъанаҳо ва маросимҳои мардумӣ ва миллӣ дар замони шӯравӣ пурра обу ранги исломиро мансуб медонистанд. Давлати собиқи шӯравӣ, агарчӣ дар муқобили анъанаҳо ва маросимҳои миллӣ истодагарӣ мекард ва барои аз байн бурдани онҳо ва шакли навро касб карданашон чораҳои зиёдеро меандешид, вале новобаста аз он ба сифати як нав аз арзишҳои миллӣ, онҳо дар ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ зуҳур менамуданд. Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар он марҳала мубориза васеъ ба муқобили арзишҳои динниро пеша карда буд, дар муқобили онҳо натанҳо қарор мегирифт, балки имконият низ медод, ки онҳо бо худ унсурҳои хурофотиро дошта бошанд. Зеро мубориза бурдан бо чунин анъанаҳо ва маросимҳои миллии дорои хислати хурофотӣ, дар маҷмӯъ ин мубориза бо дин арзёбӣ мегардид. Дин бошад (махсусан дини ислом) дар замони шӯравӣ вобаста ба таъсири сиёсат, ба пуррагӣ ба сифати институти муҳими ҷомеа баромад карда наметавонист ва вобаста ба ин, дар мавриди барҳам додани ин унсурҳои хурофотии анъана ва маросимҳо ҳеҷ гуна тадбирҳоро низ намеандешид.

Ҳамин тариқ, нуфӯз ва мавкеи анъана ва маросимҳои миллии дорои хислати хурофотӣ, бо таъсири дин ва сиёсати фориғболонаи замони шӯравӣ, ҳамрадифи ҷамбаи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ва ҷомеа гардид. Ин шакли муносибат ба анъана ва маросимҳои миллӣ дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон, махсус дар ибтидои марҳалаи бунёди давлатдории мо, вобаста ба таъсири фоҷиабори давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки ҳар сари қадам мардуми тоҷик бо мушкилоти зиндагӣ, ноороми, куштор ва марги наздикону пайвандон рӯ ба рӯ мегардиданд, боз ҳам идома меёфт ва бо худ рангу тобиши дигарро касб мекард. Баъди анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ ва расидан бо сулҳу ризоияти миллӣ дар кишвар, шароити мусоид барои беҳтар гардидани тарзи зиндагии аҳолӣ ба вуҷуд омад. Рӯзгори аҳолӣ, махсус онҳое, ки сарватманд буданд, дар нисбат ба аҳолии камбизоат ранги дигар мегирифт. Ин тоифаи аҳолӣ дар замири имконот ва дастрасии хеш бо баргузор намудани ҳар гуна маъракаҳои хурсандӣ ва ё азодорӣ ба зиёдаравӣ ва харҷҳои зиёд кӯшишҳои шуҳратафзоиро дар байни аҳолӣ тарғиб менамуданд ва кор дар ниҳоят ба дараҷае омада расида буд, ки аҳолии камбизоат, ки дар сатҳи паст рӯзгори худро пеш мебурд, бо амали ҳамрадифи дигарон (махсус сарватмандон) будан, бо пайгирӣ аз ин расму суннатҳои нави касбкардаашон боз ҳам қашшоқ ва нодор мегардиданд.

Ин ҳолатро мо ҳама мушоҳида менамудем, вале касе дар мавриди оқибатҳои ногувори он ҳарфе намезад. Роҳибони динӣ дар кишвар низ дар ин маврид, як нав саҳлангориро пеш гирифта буданд. Таҷрибаи ҷаҳонии исломии пешгирии чунин омилҳои халалпазир, ки ба ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ва ҷомеа таъсири ногувори худро мерасонад кам ба назар мерасид. Дуруст аст, ки қисме аз давлатҳои исломӣ дар мисоли ҷаҳони араб (қисматҳои мутамаддини он), Эрон ва Туркия барин давлатҳо тавониста буданд бо таъсир ва ангезаҳои солими дини ислом аз ин зиёдаравиҳои исломӣ ва хурофотӣ худро ҳифз намоянд.

Ҳамин тариқ, кор то ҳаде мерасид, ки рӯзгори мардум, махсус онҳое, ки камбизоат буданд, пай дар пай гирифтори мушкилотҳои нав мегардид ва онҳое, ки сарватманд ва ба назари аҳолӣ давлатмандон буданд, аз баргузории чунин маъракаҳо ва маросимҳо боз ҳам сарватманд мешуданд.

Рӯи кор омадани қонуни мазкур тавонист дар воқеъ барои ба танзим даровардани рӯзгори аҳолӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагии табақаи камбизоат ва махсус, беҳтар гардидани шароити иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон таъсири муфид расонад. Имрӯзҳо, кишвари моро пешомадҳои зиёде нигарон аст ва мо итминони қавӣ дорем, ки маҳз роҳандозӣ гардидани қонуни мазкур ва боз ҳам мукаммал гардонидани он мувофиқи талаботи замон, махсус дар самти фарогирии бевоситаи он дар ҳама қишрҳои ҷомеа бо роҳи тарғиби васеъю назорати қатъии амали иҷрояш ва муҳим аз ҳама, дар назари афкор ва ахлоқи ҷомеа қарор гирифтани он метавонад барои рушди минбаъдаи ҷомеаи тоҷик мусоидат намояд.

Болотар аз ин, бояд зикр намуд, ки қонуни мазкур бо назардошти он рисолате, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодии аҳолӣ, ҷомеа ва давлати тоҷикон дар марҳалаи соҳибистиқлолии кишвар расонидааст, маҳбуб ва шинохтаи ҷаҳон низ гардидааст. Бо пайгирӣ аз роҳандозии ин қонун, дар соли 2011 аз ҷониби Пешвои миллат боз қонуни дигар, роҷеъ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид, ки ба ҷиҳати моҳият аз ин қонун монданӣ надорад. Басо хушу гуворост, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ, имрӯзҳо пайгирӣ аз ин қонунҳои Тоҷикистонро доранд ва ин як нав сарфарозист барои миллате, ки тавонистааст аз роҳи асолати таърихии худ арзишмандии анъана ва маросимҳои миллии худро ҳифз намуда, дар замири коркард ва танзими нав мутобиқ ба замон пешкаш менамояд. Ин ду қонунро мо метавонем ба ҷиҳати моҳият ҳамчун қонунҳои миллӣ эътироф намоем, зеро бо рӯи кор омадани онҳо гардиши куллӣ дар тарзи зиндагии аҳолӣ ва муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа ба вуҷуд омад.

Дуруст аст, ки дилхоҳ қонун дар як марҳалаи таърихӣ рисолати хешро анҷом медиҳад ва дар раванди таърих борҳо мавриди коркард ва такмили нав қарор гирифта, мутобиқ бо талаботи ҷомеа аз нав роҳандозӣ мегардад. Қонуни мазкур дар воқеъ, дар марҳалаи нави таърихӣ, барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд ва мо умед дорем, ки минбаъд низ барои танзими расму ойин, анъана ва маросимҳои миллии мо, тоҷикон ва дар ин замина, беҳтар шудани зиндагӣ, шакли дигар гирифтани тарзи ҳаёт ва муҳим аз ҳама, болоравӣ ва рушди иқтисодиёти кишварамон дар шароитҳои осебпазири ҷаҳонишавӣ мусоидат хоҳад намуд.

# НАЙШАКАР АЗ РОСТӢ ИН НӮШ ЁФТ

## ё худ меҳрномаи шогирдона ба ифтихори зодрӯзи профессор Баҳриддин Камолиддинов

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ифтихори миллат асту устодоне ифтихори донишгоҳ. Дар ин гурӯҳи устодон, албатта, устоди соҳибмактаб, профессор Баҳриддин Камолиддинов ҳастанд. Чаро? Вақте сухан дар бораи омӯзгор, муаллим, мураббӣ ба маънои ҳақиқиаш меравад, шогирдони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номи муаллим Баҳриддин Камолиддиновро ба забон меоранд. Ин шинохти шогирдон натиҷаи бардошти яклаҳзаию якрӯза нест. Ва боз, фикр мекунам, ки дар Тоҷикистон хонадоне нест, ки барномаҳои телевизиониро бо ширкати устод надида бошад. Барои инҷониб низ шарафи шогирдиву ҳамкорӣ бо ин устоди донишманд, инсони шарифу хайрхоҳ насиб гардидааст. Вақте барои фаъолият аз матбуот ба донишгоҳ даъват шудам, устод ҳамчун ноиби ректор оид ба таълим фармони ба кор қабул шудани маро имзо гузошта буданд. Ва шурӯъ аз соли 1994 дар факултети журналистика ба ману насли ман шарафи ҳамкорӣ бо эшон насиб гардид. Муаллим ҳамон сол мудири кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ (ҳоло кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ)-и факултети журналистика интихоб шуданд. Ба фаъолияти ин кафедра устод аз ибтидо таҳкурсии дуруст гузоштанд. Дар аввал ба чуз худи устоду шодравон Усмонҷон Обидов, касе унвону дараҷаи илмӣ надошт. Ҳамон замон медидаму мешунидам, ки устод чандин нафарони унвондорро барои кор дар кафедраи навташкил хоҳиш мекарданду онҳо розӣ намешуданд. Аммо устод корро бо ҷалби ҷавонони ояндадор тарзе ба роҳ монданд, ки 90 фоиз устодони имрӯзаи ин кафедра соҳибунвон мебошанд. Ва ҳамагӣ зери роҳнамоии устод рисолаҳои номзадиву докторӣ химоя кардаанд. Бесабаб нест, ки то ҳанӯз устодони насли миёнаву калонсоли донишгоҳ ин кафедраро бо номи «Кафедраи муаллим Камолиддинов» зикр мекунанд. Ман агар гӯям, ки таърихи кафедра, заҳмати устодони кафедраро дар тайёр кардани кадрҳои соҳибтахассуси тарҷумонӣ ва журналистика хеле хуб медонам, муҳобот нест. Зеро солномаи факултети журналистика, таърих ва ташаккули факултетро ба пуррагӣ дар рӯзномаву хотираҳоям сабт кардаам. Ва вақте дӯстам Ҷовид Муқим мебинад, ки баъзе касон ҳақиқатро таҳриф месозанд, маро сарзаниш мекунад, ки чаро шингиле аз хотираҳои сабтшудаамро чоп намекунам.

Ёдам меояд, дар рӯзҳои наврӯзии соли 1996 муаллим Баҳриддин Камолиддинов ба ман, ки навакак муовини декан оид ба таълим таъйин шуда будам, санҷишу назорати журналҳои гурӯҳҳои академӣ, чараёни ичрои нақшаи таълимро фаҳмонданд. Мани камтаҷриба, ки намедонистам корро аз чӣ оғоз кунам, аз маслиҳати устод як ҷаҳон баҳра бардоштам ва бо гузашти солҳо ҳанӯз ҳам вақте журналро пур мекунам, маслиҳату насиҳати устод ёдам меояд. Ҳангоми масъулияти муовини деканӣ ва декании факултетро ба дӯш доштанам, насиҳату маслиҳатҳои устод маро ҳамсафар буданд.

Чун сухан сари хотираҳо рафт, пештар рафта мегӯям, ки кушода шудани ихтисоси Корманди адабӣ дар факултети журналистика ба пешниҳод ва талошҳои устод Камолиддинов марбут аст. Ибтидои соли 2008 масъулини Вазорати маориф бо роҳбарии муовини аввали вазир Фарҳод Раҳимов (ҳоло Президенти АИ ҶТ) фаъолияти донишгоҳ оид ба сифати тайёр кардани кадрҳо аз рӯйи баъзе ихтисосҳоро мавриди санҷиш қарор доданд. Аз ҷумла, ихтисоси журналист-тарҷумон, ки дар факултети журналистика буд, мавриди тафтишу таҳлил қарор гирифт. Ростӣ, бароям ҳамчун сарвари факултет бисёр дардовар буд, ки муовини аввали вазир камбудиҳои ҷиддие дар омодасозии кадрҳо аз рӯйи ин ихтисос ва рӯйбардор шудани корҳои дипломиро нишон дод. Бо далелҳои мантиқии қавӣ ва нишон додани камбудиҳои ҷиддӣ Вазорати маориф дар соли 2008 қабулро аз рӯйи ихтисоси журналист-тарҷумон қатъ намуд. Ва муаллим Баҳриддин Камолиддинов буданд, ки дар мувофиқа бо ректори вақти донишгоҳ академик Саидмуҳаммад Одинаев масъалаи омодасозии журналистони забондонро 22 июли соли 2008, дар ҷаласаи тантанавӣ ба ифтихори Рӯзи забон дар назди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон гузоштанд. Ҷаноби Олӣ ба муаллим барои баёни андешаҳо дар таблиғи забони модарӣ, арзишҳои миллӣ, фарҳангу маърифат, ки аз тариқи гуфтору барномаҳои радиову телевизион пайваста садо медиҳанд, сипосгузорӣ карда, ба Вазорати маориф ва раёсати донишгоҳ супориш доданд, ки пешниҳоди муаллимро омӯхта, дар давоми 2 рӯз қабулро аз рӯйи ихтисоси дахлдор ба роҳ монед. Ин пешниҳоди устод боис шуд, ки ихтисоси Корманди адабӣ дар факултети журналистика (бо талошу далеловарии профессор Иброҳим Усмонов) ва ихтисоси Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ дар факултети филологияи тоҷик кушода шавад.

Ин фақат як талоши созандаи устод дар роҳи маорифи миллии кишвар ва соҳибмаърифат гаштани ҷавонони тоҷик аст. Агар дар бораи фаъолияти созандаву мондагори омӯзгорӣ, осори илмиву таълимии устод чандин саҳифа нависем, кам аст. Мехоҳам роҷеъ ба дигар паҳлуҳои зиндагиномаи устод ҳамчун як мушоҳидакор бинависам. Зиндагиномаи устод намунаи ибрат аст. Ҳам рӯзгори хонаводагиашон ва ҳам фаъолияти илмиву таълимиашон шоистаи ситоишу пайравист. Рӯзгори хонаводагии Устод саропо меҳру муҳаббат, фазилату баракат аст. Устод шукргузор ҳастанд, ба қадри додаи Худованд мерасанд. Фарзандону наберагонро дар рӯҳияи донишу маърифат ва муҳаббату садоқат ба Ватану сарзамини аҷдодӣ тарбия кардаву ба воя расондаанд. Ҳамин тарбия буд, ки устод имрӯз самари ширини онро чашидан доранд.

Бо муаллим Камолиддинов дар маҳфиле нишастан, суҳбат кардан, бисёр хушу гуворост. Аз нақлҳои намакини устод ҳамсуҳбат баҳра мебардорад, хотираҳои муаллим ибратомӯзанд. Ва ҳар суҳбату воҳӯрӣ бо устод ҳаловату таровати тоза дорад. Бароям мояи ифтихору шодмонист, ки кам ҳам бошад, бо устод Камолиддинов ҳамсуҳбат будаам ва ҳастам. Ман донистам, ки ҳар суҳбаташон як дарс аст, дарси шинохти зиндагӣ ва ба қадри ҳамдигар расидан. Ман надидам ва нашунидам, ки муаллим аз касе шиква карда бошанд ва ё лаб ба ғайбати дигаре боз карда бошанд. Устод Баҳриддин Камолиддинов намакшинос ҳастанд, ба қадри некии кардаи дигарон мерасанд, аммо некии кардаи худро фаромӯш мекунанд. Бо муҳаббат аз рӯзгори кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавонии худ нақл мекунанд, бо самимият аз устодони мактабиву омӯзишгоҳӣ ва донишгоҳии худ хотираҳои ҷолибе мегӯянд. Гуворову роҳатбахш аст суҳбати устод дар маҳфилҳои шодӣ ва истироҳатии пайвандону ҳамкорон. Аз забони устод шунидани нақли рӯзгори бузургони илму адаб назди кас шаҳомату бузургӣ ва талошҳояшонро дар роҳи саодати миллат меафзояд. Ман бо нақлҳои муаллим Камолиддинов Аллома Ғафурову Устод Турсунзода, академикҳо Раҷабовҳо, Мирзоеву Осимӣ, Мухторову Диноршоев ва бисёр дигаронро бори дигар ва бо назари дигар шинохтам, ба талошҳояшон барои имрӯзу фардои миллат аҳсан хондам.

Муаллим Баҳриддин Камолиддинов мураббиву роҳнамои муҳаққиқони зиёде ҳастанд. Дар роҳи илм устод собитқадам, росткору рострав ва адолатпеша ҳастанд. Талоши андаки шогирдро қадр мекунанду роҳнамой мекунанд, аз зикри заҳмати ҳампешаҳои худ ифтихор мекунанд. Дарси устод зам-замаи муҳаббатро мемонад, ки шогирдон сартопо ба он дода мешаванд. Ҳавасам меояд ба шогирдоне, ки аз дарси устод баҳра мебардоранд. Зеро дарси устод танҳо дарси омӯзиши забон нест, балки дарси муҳаббат ба Забону Миллат ва Фарҳанг аст. Имрӯз мебинем, ки баъзе устодони насли нав бо андак баҳона дарсшиканӣ мекунанд, ҳавсалаи шиносоӣ бо усулҳои нави таълимро надоранд, бо шогирдон роҳнамой карда наметавонанд. Боз ҳам ба устод Камолиддинов қоил мешавем, ки ҳар лаҳзаи дарсро босамар истифода мебаранд.

Устод Баҳриддин Камолиддинов - забоншиноси шинохтаи тоҷик бо вуҷуди он ки 7 сол муовини декани факултети филологияи тоҷик, 2 сол зиёдтар мудири кафедраи умумидонишгоҳии забон ва адабиёти тоҷик, қариб 3 сол муовини ректори донишгоҳ оид ба таълим ва беш аз 17 сол мудири кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ буданд, ҳеҷ гоҳ маъмур набуданд. Зеро дар муносибат бо зердастону корафтодагон аз усулҳои маъмуриву расмӣ кор нагирифтаанд, иззатталабӣ накардаанд, балки самимияту дасти мадад дароз кардан усули корашон буду ҳаст. Бахусус, дар муносибат бо шогирдони навсафари роҳи илму таҳқиқ хайрхоҳии устод бештар аст. Ҳамин аст, ки устодро дар доираҳои илмиву таҳқиқӣ чун муҳаққиқи соҳибсухану соҳибмактаб, дар доираҳои таълимӣ чун муаллиму муаллифи китобҳои дарсӣ, дар байни шогирдон ҳамкорон чун устоди донишманду меҳрубон, фозилу мушовир, роҳнамову роҳкушо, дар ҳалқаи пайвандон чун падари оқилу бобои азизу мушфиқ мешиносанд.

Имрӯзҳо Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон, узви Шӯрои диссертатсионии ДМТ оид ба илмҳои филологӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор Баҳриддин Камолиддинов зодрӯз доранд. Барояшон саломатӣ, осоиши рӯзгор ва фатҳи қуллаҳои нави илмро таманно дорам.





**Сангини ГУЛЗОД**

# ЛАҲЗАҲО...

## боздид аз НБО-и Норак ва қадрдонии собиқадорону фаъолон



















# ОМӮЗГОР РАҲНАМОИ ИМРӮЗУ ФАРДОСТ

Ҳамасола аввали моҳи октябр дар саросари кишварамон ҳамчун Рӯзи омӯгор чашн гирифта мешавад, ки ин нишони қадрдонии аҳли кормандони соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд имсол дар арафаи Рӯзи омӯзгор дар толори раёсати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров зиёда аз 165 нафар омӯзгорони пешқадами вилоятро бо тухфаҳои хотиравӣ ва ифтихорномаҳои Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд ва кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд сарфароз гардонид. Дар чорабинӣ раиси кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми вило-



яти Суғд М.Мироватов омӯзгорони вилоятро ба иди касбиашон табрику муборакбод намуда, аз дастгириву пуштибонии Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуд. Баъдан С.Раҳматов-муовини сардори раёсати маорифи вилояти Суғд табрикоти раиси вилоят А. Қодирӣ ва Толиб Оқилов-муовини раиси Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд табрикоти раиси Шӯро Ш.Абдуллозодаро ба самъи ҳозирин расонид.

Сипас, М.Раҳматова-дотсенти кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров дар мавзӯи “Нақши омӯзгор дар таълиму тарбияи созандагони замони навин” ва М.Ғафурова -ҷонишини директори гимназияи №2 и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар мавзӯи “Омӯзгор машъалафрӯзи хирад” суханронӣ намуданд.

Дар охир барномаи фарҳангӣ бо иштироки сарояндагон ва донишҷӯёну толибилмони муассисаҳои таълимии вилоят бо як шаҳомати хоса баргузор гардид.

**Анӯшервон ШАРИФОВ**

# БОЗИҲОИ КОМПЮТЕРӢ ВА ЗАРАРИ ОН БА ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

Шукри даврони истиқлол, ки имрӯзҳо дар қатори дигар давлатҳои пешрафтаи дунё аксарияти наврасон ва ҷавонони кишвар бо компютерҳои замонавӣ таъмин ҳастанд. Пас аз пайдо шудани компютерҳо тағйироти куллие дар ҳаёти инсон ба амал омад ва имрӯзҳо компютерҳо дар ҳама соҳаҳо мавқеи худро ишғол карда, барои осон кардани кор кӯмак мерасонад. Барномасозон ҳамарӯза ҳазорҳо барномаҳои компютерии нав ба нав омода месозанд, ки ҳар яки ин барномаҳо барои расидан ба ягон ҳадаф равона карда мешавад, вале на ҳамаи ин барномаҳо барои манфиати истифодабаранда сохта шуда, барои расидан ба ягон мақсади нопок омода карда мешавад.




Имрӯзҳо яке аз паҳнгаштатарин усули заҳролуд кардани майнаи наврасон бозиҳои компютерӣ ба ҳисоб меравад. Бозиҳои компютерӣ қобилияти ҷалбкунандагӣ дошта, ҳатто калонсолонро метавонад ба доми худ фурӯ барад. Олимон бозиҳои компютериро барои ҳаёти инсон хатарнок, ҳатто марговар унвон кардаанд.

Инчунин, олимони донишгоҳи Чаритеи Олмон миёни 7000 нафар одам таҷриба гузарониданд ва хулосаи он собит сохт, ки 12 %-и ин гурӯҳ вобастаи бозиҳои компютерӣ мебошанд.

Шахсе, ки ба доми бозиҳои компютерӣ меафтад, ду чизи қиматтарин- саломатӣ ва вақти худро аз даст медиҳад. Гарчанде истифодабарандагон меъёри истифодабарии вақт ва масофаи истифодабарии компютерро донанд ҳам, ҳангоми машғули бозии компютерӣ ба он риоя карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, хуб мешуд, ки волидон назоратро нисбат ба фарзандон пурзӯр карда, ба онҳо маданияти истифодабарии компютерро дуруст фаҳмонанд.

**Даврон ИСМАТУЛЛОЕВ-**
**омӯзгори фанни технологияи иттилоотии МТМУ №14-и ноҳияи Ашт**

ҲОМИИ ОМӮЗГОР

Муассис:
Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
САФАРЗОДА Э.

Телефонҳо:
221-11-80
227-85-01
223-17-48
221-13-21
221-16-74

e-mail:ehson.89@mail.ru, kasaba_tj@mail.ru

Ҳайати таҳририя:
Шарифзода Исмоил Зариф,
Р. Одиназода, М.С. Қурбонов,
М. С. Мироватов,
С. Б. Шогузанфаров,
Ҳ. С. Раҳматов,
О. П. Усмонова, Т.Р. Раҷабов

Мухбирони минтақавӣ:
Ҳ. Ҳамидов, И. Мақсудов.

Моҳнома 31 октябри соли 2012 таҳти рақами 0032/ рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шудааст.

Моҳнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мекунад, ки метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» (кӯчаи Борбад 36 ) ба чоп расидааст.
Адади нашр: 4800

Нишонии моҳнома: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 20, Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Индекс: 734012

Суратҳисоби бонкии мо:
Кумитаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
РМА (ИНН) 01 000 37 95
20 20 29 72 61 690 1000 227
35 01 01 369
20 40 29 72 41 36 91
ҶСК Ориёнбонк, шаҳри Душанбе